**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба дисссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ" барои дарёфти унвони илми номзади илмҳои иқтисодӣ 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Икромова Малоҳат Холовна хатмкунандаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ буда, онро соли 2012 аз руйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар энергетикӣ бо гирифтани тахассусӣ «иқтисодчӣ» хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ ба сифати оператори кафедраи "Иқтисодиёт ва идоракуни дар сохтмон" фаъолият намуда, соли 2021 ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон қабул шуда, соли 2023 кори илмии худро пурра анҷом додааст. Дар ин давра дар якҷанд кофренсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар ҷараёни таълим давра ба давра нақшаи таълимӣ иҷро гардида, дар рафти иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Икромова М.Х. 8 корҳои илмӣ чоп карда шудаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон руйи чоп омадаанд.

Муаллиф мавзӯъи рисолаи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намуд. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳақокот-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва оморӣ васеъ истифода шудааст.

Дар давраи кунунӣ дастнавис се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар сохтмон баррасӣ гардидааст. Дар боби дуюми диссертатсия баҳогузории ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмон дида шудааст. Дар боби 3-юми диссертатсия мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон бараpсӣ гардидааст.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмони саноатиро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмили методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмон мухтасар ифода намояд.

Кори диссертатсионии анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмони саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Доштани малакаи таҳили

иқтисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳмияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ аз аҳмияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамбаст карда шудааст, усулҳои систама, муқоисакунӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, баҳодиҳии қиёсӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва пешгуикунӣ, таҳлил коррелятсионӣ ва ғ. истифода карда шудааст.

Ҳамин тавр, гапҳои дар боло қайд кардащшуда асос шуда метавонад, ки ҳисоб намоед, ки Икромова М.Х. вазифаҳои расида ба мақсади таҳқиқотро бомуввафақият иҷро намудааст.

Кори диссертатсионӣ мантиқат банҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман-ассонокардашуда ва тавсияҳои амалии ба мукамалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмон равона шудааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии Икромова М.Х. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08. – баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

**Имзои Низомов С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

25.12.2023